Маблаггузорӣ аз тарафи:
Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra
Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

# Модули таълимӣ
# дар мавзӯи: «Ҳуқуқи андоз»



**Душанбе – 2023**

## МУҚАДДИМА

Таърихан ба миён омадани андозҳо ба давраи ҷудошавии ҷомеа ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва пайдоиши давлатҳо рост меояд. Андозҳо аз худ яке аз усулҳои асосии сафарбар намудани даромадҳои давлатро муаррифӣ менамоянд. Дар шароитҳои моликияти хусусӣ ва муносибатҳои бозорӣ андозҳо усули асосии ҷамъоварии даромадҳо ба буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравaнд. Ҳамчун як қисми муносибатҳои тақсимотии ҷомеа андозҳо қонуниятмандии истеҳсолотро инъикос менамояд. Ивазшавии форматсияҳои ҷамъиятиву иқтисодӣ, тағйир ёфтани вазифа ва нақши давлат ба шаклҳои мушаххаси андозситонӣ таъсир мерасонад. Дар замони феодализм ҷамъоварии ҳар гуна амволи натуралӣ ва атоати аҳоли дастболо буд. Бо васеъ гаштани вазифаи давлати феодалӣ, ташаккул ёфтани давлатҳои марказонидашуда нақши андозҳои пулӣ дар ташаккули хазинаи давлат ботадриҷ меафзояд.

Дар шароити имрузаи иктисоди ислохоти андоз яке аз омилхои асосии бомуваффакият сипарӣ шудани ин мархилаи хассос мебошад. Зеро низоми андоз аз унсурхои асосии иктисоди бозоргонӣ буда, заминаӣ дастовардхои иктисоди махсуб мешавад.

Андоз яке аз сарчашмаи асосии даромади буҷаи давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар давлатҳои мутараққӣ то 90% ва дар давлатҳои собиқ Шӯравӣ то 77%-и даромади буҷаи давлатро андозҳо ташкил медиҳанд. Андоз – пардохти ҳатмиест, ки давлат аз шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон меситонад. Аз ҳамин ҷиҳат андозҳо «ҳиссаи шаҳрвандонро» барои нигоҳдории давлат инъикос мекунанд.

Дар тӯли якчанд соли охир Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиши бузурги иқтисодӣ – гузариш аз идоракунии нақшавии хоҷагии халқро дар бобати истифода намудани механизмҳои тараққиёти иқтисодӣ аз сар мегузаронад. Олотҳои нави низомҳои иқтисодӣ бо унсурҳои боқимондаи низоми пешинаи иқтисодӣ ва анъанаҳои дар тафаккури субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ чуқур решадавондашуда, боқӣ мондаанд.

Ҷараён бо чунин вазъияте мураккаб мегардад, ки дар мамлакат бо иқтисодиёти гузаранда дар як маврид ислоҳот дар соҳаи хуқуқ, сиёсат ва иқтисодиёт ногузир мегардад. Дар айни замон амалан аз ҷониби ҳама эътироф мегардад, ки ислоҳоти самарабахши сиёсати андоз ва низоми мақомотҳои андоз дар мамлакат омили ҳалкунанда дар бобати гузарондани иқтисодиёт ба роҳи бозорӣ мебошад.

**Ҳуқуқи андоз** — қисмати зерсоҳавии ҳуқуқи молиявӣ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятии андозро ба танзим медароранд. Барои он ки пардохтҳои андоз ба буҷет ба ҷо оварда шавад, механизми махсуси муносибатҳои ҷамъиятие заруранд, ки дар шароити онҳо субъектони ин муносибатҳои ҷамъиятӣ амалиётҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнокро ба амал бароранд ва иҷрои мақсади андозро таъмин намоянд. Бинобар ин, зарурати мавҷудияти силсилаи томи муносибатҳои ҷамъиятии табиатан якхела, ки ба талаботи ба маблагҳои пулӣ доштаи давлат хидмат мекарданд, зарурати мавҷудияти қисмати зерсоҳавии ҳуқуқи молиявиро пешакӣ муаяйн менамояд, ки он вазифаи ба вуҷуд овардан ва танзими ин гуна муносибатҳоро иҷро мекард.

Мутобики моддаи 45-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоридани андоз ва пардохтҳое, ки қонун муайян намудааст, вазифаи ҳар як шахс мебошад. Ҳуқуқи андоз яке аз зерсоҳаҳои ҳуқуқи молиявӣ буда, аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба муқаррар кардан ва руёнидани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз ташкилотҳо ва шахсони вокеӣ танзим мекунад.

Ташкилоти байналмилалии ХЕЛВЕТАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки Модули таълимиро дар мавзуи: «Ҳуқуқи андоз» таҳия намояд.

Умедворем, ки Модули таълимии мазкур барои доираи васеи хонандагон ва нафароне, ки бо ҳуқуқи андоз сару кор доранд, аз ҷумла барои кормандони Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он муфид хоҳад буд.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ МОДУЛИ ТАЪЛИМӢ

**Мақсади модули таълимӣ:**
Таҳлили заминаҳои қонунгузорӣ ва маводи мавҷуда оид ба ҳуқуқи андоз, аз ҷумла: низоми андозбандӣ ва унсурҳои он, намудҳои андозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарҳи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъектҳо ва объектҳои андозбандӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мақомоти андоз.

**Вазифаҳои барномаи омӯзишӣ:**

- гузаронидани тренингҳои омӯзишӣ вобаста ба мавзӯҳои муайяни низоми андозбандӣ ва унсурҳои он, намудҳои андозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарҳи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани тахассуси кормандони Вазорати адлия ва сохторҳои он, инчунин барои нафароне, ки бо ҳуқуқи замин сару кор доранд;
- арзёбии донишҳо ва малакаи кормандони мазкур.

**Усулҳои тадрис:**
- лексияҳои (ваъзҳои) хурдҳаҷм;
- рӯйнамоӣ (муаррифӣ);
- мубоҳиса;
- тӯфони фикрӣ (зеҳнангезӣ);
- корҳои гурӯҳӣ;
- корҳои гурӯҳии умумӣ;
- саҳнагузорӣ;
- луқмапартоӣ.

**Мавзӯъ “Ҳуқуқи андоз”**

**Нақшаи корӣ:**

1. Низоми андозбандӣ ва унсурҳои он.
2. Намудҳои андозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Шарҳи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Субъектҳо ва объектҳои андозбандӣ.
5. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти андоз.

## 1. Низоми андозбандӣ ва унсурҳои он.

Низоми андозситонӣ гуфта маҷмӯи усулҳои идоракунӣ ва меъёрҳои ташкилию ҳуқуқии андозситониро меноманд. Низоми андозситонӣ аз унсурҳои зерин таркиб ёфтааст:

Субъекти андоз – шахсе, ки бар дӯши он супоридани андоз вогузор карда шудааст (шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон).

Объекти андоз – даромад ё амволе, ки аз он андоз ситонида мешавад (музди кор, фоида, замин ва ғайра).

Сарчашмаи андоз – даромаде, ки аз он андоз ситонида мешавад. Меъёри андоз – бузургии андоз ба як воҳиди объекти андоз. Масалан: андоз аз як гектар замин.

Имтиёзҳои андоз – ин кам кардани меъёри андоз ё ин, ки озод намудани субъектҳои алоҳида аз супоридани андоз.
Мисли дигар мафҳумҳои иқтисодӣ моҳияти асосии андоз дар иҷрои вазифаҳои он инъикос меёбад. Андоз вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

Вазифаи фискалӣ, ки ба воситаи он маблағҳои пулии давлат ташкил карда мешаванд ва барои дахолат ба иқтисод замина фароҳам меояд. Вазифаи иқтисодӣ, ки тавассути он азнавтақсимкунии маблағҳои пулӣ сурат мегирад. Масалан, кам кардани меъёри андоз ба фоидаи фирмаҳо, боиси зиёд шудани маблағгузорӣ мегардад.

Вазифаи иҷтимоӣ, ки тавассути он мувозинати иҷтимоии ҷамъият таъмин карда мешавад, яъне нобаробарӣ дар байни даромади гурӯҳҳои иҷтимоӣ бартараф карда мешавад.

Андозҳоро вобаста ба муносибаташон ба даромад, вобаста ба механизми ташкилшавӣ ва вобаста ба самти воридшавиашон таснифбандӣ менамоянд.

Вобаста ба муносибати андозҳо ба даромад шаклҳои зерини андозҳоро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд:

Андозҳои афзуншаванда (прогрессивӣ), яъне андозҳое, ки бо зиёдшавии ҳаҷми даромад меъёри онҳо низ зиёд мешавад.

Андозҳои пастшаванда (регрессивӣ), яъне андозҳое, ки бо зиёдшавии ҳаҷми даромад меъёри онҳо кам мешавад.

Андозҳои мӯътадил, яъне андозҳое, ки новобаста ба ҳаҷми даромад меъёрашон як хел мемонад.

Вобаста ба механизми ташкилшавиашон андозҳоро ба шаклҳои зерин ҷудо мекунанд:

Андозҳои мустақим – андозҳое мебошанд, ки бевосита аз амвол ва даромад ситонида мешаванд. Ба ин шакли андозҳо дохил мешаванд: андоз аз даромади аҳолӣ, андоз аз фоидаи фирмаҳо, андоз аз меросу тӯҳфаҳо ва андоз аз амвол.

Андозҳои ғайримустақим – андозҳое мебошанд, ки ба нархи молу хизматҳо илова шудаанд. Ба андозҳои ғайримустақим дохил мешаванд: андоз аз фурӯш, андоз аз арзиши илова, андоз аз молҳои алоҳида (акзисҳо) ва боҷҳои гумрукӣ.

Сиёсати андозситонӣ воситаи асосии дахолати давлат ба иқтисодиёт мебошад. Масъалаи асосии сиёсати андоз ин интихоби варианти самараноки андозситонӣ мебошад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ консепсияҳои кейнсионӣ ва институтсионалистии сиёсати андозро аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Консепсияи кейнсионӣ ба «иқтисоди тақозо» такя мекунад. Мувофиқи ақидаи Кейнс дараҷаи баланди андозҳо, қобилияти харидории ҷамъият ва умуман маҷмӯи тақозоро паст мекунанд. Дар натиҷаи пастшавии маҷмӯи тақозо, нархҳо низ паст шуда, беқурбшавии пул аз байн меравад. Баръакси ин амал, кам кардани дараҷаи андозҳо, боиси афзоиши маҷмӯи тақозо, дараҷаи нарх ва дараҷаи беқурбшавии пул мегардад.

Консепсияи институтсионалистӣ ба «иқтисоди арза» такя менамояд. Намояндагони ин равия чунин ҳисоб мекунанд, ки дараҷаи баланди андозҳо боиси афзоиши хароҷотҳои истеҳсолӣ мегарданд, ки дар натиҷаи онҳо дараҷаи нархҳо ва дараҷаи беқурбшавии пул низ меафзояд. Бинобар ҳамин онҳо паст кардани андозҳоро ҷонибдорӣ менамоянд. Намояндагони ин равияи институтсионалистӣ Э. Де Жирардон, Ҷ. Гелбрейт, Г. Коул ва дигарон мебошанд. Дуруст будани ягон консепсия то ҳоло дар назарияи иқтисодӣ тасдиқ нашудааст, аммо кӯшишҳои зиёде барои муайян намудани мувозинати меъёри андзҳо ва фаъолияти соҳибкориро бори аввал муайян намудааст. Ӯ нишон додаст, ки агар меъёри андоз аз даромад зиёд шавад, пас фаъолияти соҳибкорӣ паст мешавад, зеро ки соҳибкорӣ дар ин ҳолат бебарор мегардад. Паст шудани меъёри андоз ба фаъолияти пурсамар роҳнамун намуда, ба афзоиши пасандоз, маблағгузорӣ ва умуман истеҳсоли молу хизматҳо оварда мерасонад.

Андозситонӣ гуфта, тарзи танзими даромадҳо ва сарчашмаҳои пуррашавии маблағҳои давлатиро меноманд.

Назарияи иқтисодӣ принсипҳои гуногуни андозситониро пайваста ҷустуҷӯ менамояд. Аз ҳамин ҷиҳат ҳоло дар назарияи иқтисодӣ ду консепсияи андозситониро аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Консепсияи якум дар он асос меёбад, ки андоз бояд ба фоидае, ки андозсупоранда аз хизматрасонии давлат мегирад, бояд баробар бошад (ин гунна ақидаро бори аввал асосгузори мактаби классикӣ Адам Смит пешниҳод намудааст).

Консепсияи дуюм пешниҳод мекунад, ки андоз бояд ба даромад вобаста бошад. Низоми андозситонии муосир дар асоси як қатор принсипҳо ташкил карда мешавад. Аз ҷумла:

Принсипи мӯътадилӣ, яъне шаклҳо ва меъёри андозҳо бояд устувор бошанд;

Принсипи ҳатмӣ будани андозситонӣ, яъне тамоми субъектҳои андозсупоранда бояд андозро супоранд ва дар ҳисоб кардани ҳаҷми он мустақил бошанд;

Принсипи умумият, яъне андозситонӣ ҳамаи субъектҳои хоҷагидориеро, ки даромад мегиранд бояд фаро гирад.

**2.Намудҳои андозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳои умумидавлатӣ ва андози маҳаллӣ муқаррар карда мешаванд. Дар ҳолатҳои дахлдор бо тартиби пешбининамудаи Кодекси андоз андозсупорандагон низоми андозбандии махсусро истифода мебаранд.

Ба андозҳои умумидавлатӣ инҳо дохил мешаванд:

1) андоз аз даромад;

2) андоз аз арзиши иловашуда;

3) андози аксиз;

4) андозҳо барои захираҳои табиӣ;

5) андози иҷтимоӣ;

6) андоз аз фурӯш (алюминийи аввалия).

Ба андози маҳаллие, ки бо Кодекси андоз муқаррар шуда, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо мавриди амал қарор дода мешавад, андоз аз молу мулк дохил мешавад.

Низоми махсуси андозбандӣ

1. Низоми махсуси андозбандӣ низомҳои махсус ва содакардашударо дар бар мегиранд.

2. Ба низоми махсуси андозбандӣ инҳо дохил мешаванд:

- низоми андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ;

- низоми андозбандии субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок;

- низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд.

3. Ба низоми содакардашудаи андозбандӣ инҳо дохил мешаванд:

- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;

- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягонаи кишоварзӣ);

- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ;

- низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки паранда ва чорво;

- низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти инноватсионию технологӣ.

**3. Шарҳи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2021, №1844 қабул шуда, аз 15 фасл, 57 боб ва 399 модда иборат мебошад.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодиро оид ба муқаррарсозӣ, тағйирдиҳӣ, бекоркунӣ, ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, иҷрои уҳдадориҳои андозӣ муайян намуда, ба ташаккул, рушд ва ҳавасмандгардонии фаъолияти хоҷагидорӣ нигаронида шудааст.

Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки муносибатҳои андозиро танзим менамоянд, иборат мебошад.

Андозбандӣ мутобиқи қонунгузории андозӣ дар лаҳзаи ба миён омадани уҳдадориҳои андозии амалкунада сурат мегирад.

Мафҳумҳо ва истилоҳоти қонунгузории гражданӣ, оилавӣ ва соҳаҳои дигари қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Кодекси андоз истифода шудаанд, бо ҳамон маъное фаҳмида мешаванд, ки дар ҳамин соҳаҳои қонунгузорӣ истифода мешаванд, агар дар Кодекси андоз тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Муносибатҳо оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо аз молҳо ва воситаҳои нақлиёти тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолёбанда бо Кодекси андоз ва қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

Муносибатҳо оид ба пардохти боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет бо қонунҳои дахлдор ва Кодекси андоз танзим карда мешаванд.

**4. Субъектҳо ва объектҳои андозбандӣ.**

**Субъектҳои муносибатҳои андозӣ**

1. Субъектҳои муносибатҳои андозӣ шахсоне ба ҳисоб мераванд, ки ба таври мустақим ва ё ғайримустақим дар муносибатҳои андозӣ иштирок менамоянд, дорои ҳуқуқу уҳдадориҳо мебошанд ва ё бо амал ё беамалии худ уҳдадориҳои андозиро ба вуҷуд меоваранд.

2. Барои мақсадҳои андозбандӣ инҳо резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешаванд:

1) агар шахси воқеӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми давра ва ё давраҳое, ки дар маҷмӯъ дар давоми ҳар давраи 12-моҳаи дар ҳамин соли тақвимии ҷорӣ оғозшаванда ё баохиррасида бештар аз 182 рӯз қарор дошта бошад, барои соли ҷории тақвимӣ резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - резидент) ба ҳисоб меравад, вале бо назардошти:

а) шахси воқеие, ки дар соли тақвимии ҷорӣ резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, вале дар давоми соли тақвимии қаблӣ резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон набуд, барои давраи ҷории андоз танҳо аз санаи якуми воқеан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳузур доштан резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мешавад;

б) шахси воқеие, ки дар соли тақвимии ҷорӣ резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, вале дар давраи минбаъдаи андоз резидент намебошад, барои давраи ҷории андоз танҳо дар даврае резидент ҳисобида мешавад, ки рӯзи охирини ҳузури шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан ба охир мерасад;

2) шаҳрванди Ҷумухурии Тоҷикистон, ки дар давоми соли тақвимӣ дар хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, дар ҳамин соли тақвимӣ, новобаста ба давомнокии чунин хизмат, резидент ба ҳисоб меравад;

3) шахсони воқеие, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд;

4) шахсони воқеие, ки барои қабул шудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар бораи гирифтани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе қабули шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ариза додаанд, сарфи назар аз муҳлати будубош дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мешаванд, агар шахс берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳалли зисти доимӣ надошта бошад.

3. Шахси воқеие, ки мутобиқи ҳамин модда резидент намебошад, ғайрирезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

4. Шаҳрванди давлати хориҷӣ, сарфи назар аз муҳлати дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон буданаш, резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб намеравад, агар чунин шахс шахси дорои мақоми дипломатӣ ё консулӣ (ё узви оилаи чунин шахс) ва ё корманди ташкилоти байналмилалӣ ё шахси дар хизмати давлатии давлати хориҷӣ (ё узви оилаи чунин шахс) қарордошта бошад.

5. Мақоми резидент ва ғайрирезидент нисбат ба шахси воқеӣ барои ҳар соли тақвимӣ муайян карда мешавад.

6. Шахси воқеие, ки ғайрирезидент эътироф мешавад, уҳдадор аст ба агенти андоз ё мақомоти андози маҳалли будубош (истиқомат) на дертар аз рӯзи гирифтани даромад ё санаи пешниҳод кардани ҳисоботи андоз ҳуҷҷати тасдиққунандаи мақоми резидент дар давлати хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд будан ва тарҷумаи ба таври нотариалӣ тасдиқшудаи ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсиятро (шиносномаро) ба забони давлатӣ пешниҳод намояд.

7. Соҳибкори инфиродӣ - шахси воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ дар асоси патент ё шаҳодатнома амалӣ менамояд.

8. Шахси ҳуқуқӣ метавонад резидент ва ғайрирезидент бошад:

1) шахси ҳуқуқӣ-резидент – шахси ҳуқуқӣ резидент эътироф карда мешавад, агар он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта бошад ва ё мақоми идоракунии асосии он (мақоми роҳбарикунанда, мақоми идоракунӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта бошад;

2) шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент – шахси ҳуқуқие, ки тибқи қонунгузории давлати хориҷӣ таъсис ёфтааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, гарчанде ин шахс мутобиқи қонунгузории кишваре, ки дар он таъсис ёфтааст, шахси ҳуқуқӣ ҳисобида намешавад.

9. Филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқӣ – воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, ки, новобаста ба дарҷ намудани он дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои шахси ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ ба шартҳои зерин ҷавобгӯ мебошад:

1) фаъолияти соҳибкорӣ ё ғайрисоҳибкориро амалӣ менамояд;

2) дорои ҳудуд ва (ё) молу мулки алоҳида аз шахси ҳуқуқӣ мебошад;

3) дорои воҳидҳои кории ба муҳлати зиёда аз як моҳи тақвимӣ ташкилшуда ва (ё) ҳайати кормандоне мебошад, ки бо ташкилот ё ҳамин воҳид бо муносибатҳои бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимшаванда алоқаманданд.

10. Андозсупоранда – шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои онҳо, ки фаъолияти иқтисодиро новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, намуди фаъолият, тобеият ва шакли моликият ва ё объекти андозбандӣ амалӣ менамоянд ва ба зиммааш тибқи қонунгузории андоз уҳдадории пардохти андозҳо, боҷи давлатӣ ва пардохтҳо вогузор шудааст.

11. Мақомоти давлатӣ – ҷузъи таркибии дастгоҳи давлатӣ, ки тибқи салоҳият ва сохтори муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколатҳои давлатию ҳокимиятиро дар шакли ташкилию ҳуқуқии ба худ хос амалӣ менамояд:

1) мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия – мақоми марказии ҳокимияти иҷроия, ки пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқии фаъолияти молиявӣ, буҷету андоз ва ғайраро таъмин намуда, фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро оид ба иҷро ва риояи қонунгузории андоз, баҳисобгирӣ ва сари вақт ба буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ ворид намудани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз тарафи андозсупорандагон ва идоракунии молияи давлатӣ ҳамоҳанг менамояд;

2) мақоми ваколатдори давлатӣ – мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки иҷро ва риояи муқаррароти қонунгузории андозро таъмин менамояд;

3) мақомоти ваколатдор – мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои мақомоти андоз, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳисоб ва (ё) ҷамъоварӣ намудани андозҳои алоҳида ва (ё) иҷро намудани дигар вазифаҳои вобаста ба андозбандӣ ваколатдор мебошанд.

12. Агенти андоз - ташкилот ё соҳибкори инфиродие, ки мутобиқи Кодекси андоз ба зиммааш вазифаи ҳисоб намудани андоз, аз андозсупоранда ё аз манбаи пардохт нигоҳ доштан ва ба буҷети дахлдор гузаронидани он вогузор шудааст.

13. Агенти андоз уҳдадор аст:

1) андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии дар Кодекси андоз ва қонунгузории андозӣ пешбинишударо аз андозсупоранда ё аз манбаи пардохт нигоҳдошташаванда пурра ва дар мухлатҳои муайяншуда ҳисоб намояд, нигоҳ дорад ва ба буҷет ворид намояд;

2) даромадҳои ба андозсупорандагон пардохтшуда, андозҳои аз андозсупорандагон (ё аз манбаи пардохт) нигоҳдошташуда ва ба буҷети дахлдор гузаронидашударо ба ҳисоб гирад, оид ба ҳар як андозсупоранда ҳисоби ҷудогона барад;

3) ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии худ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз ҳисоботи андоз пешниҳод намояд.

14. Шахс – ҳар шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, муассисаи доимӣ, филиал ё воҳиди дигари алоҳидаи ғайрирезидент.

15. Ташкилотҳо – шахсони ҳуқуқии мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсисдодашуда (минбаъд - ташкилотҳои резидент), шахси ҳуқуқии хориҷии тибқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ таъсисёфта, аз ҷумла филиалҳо ва намояндагиҳои онҳо, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд, ташкилотҳои байналмилалӣ (минбаъд – ташкилотҳои хориҷӣ).

**Объекти андозбандӣ**

1. Объекти андозбандӣ молу мулк, амал, натиҷаи амал ё ҳолати дигаре мебошад, ки дорои хусусияти арзишӣ, миқдорӣ ё ҷисмонӣ буда, бо мавҷудияти он тибқи қонунгузории андоз уҳдадории андозии андозсупоранда ба вуҷуд меояд.

2. Ҳар андоз объекти мустақили андозбандӣ дорад, ки мутобиқи қисми махсуси Кодекси андоз муайян карда мешавад.

## 5. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мақомоти андоз.

**Вазифаҳои асосии мақомоти андоз**

1. Мақомоти андоз фаъолияти худро мутобиқи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин мақомоти андози давлатҳои дигар амалӣ менамояд.

2. Вазифаҳои асосии мақомоти андоз инҳо мебошанд:

- таъмин намудани иҷрои қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ;

- таъмин намудани воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет дар мухлатҳои муқарраршуда аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ;

- дар доираи ваколатҳои худ иштирок намудан дар раванди таҳия ва такмили қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар доираи ваколатҳои худ иштирок намудан дар раванди таҳия ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ;

- мусоидат ба андозсупорандагон дар иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва риояи қонунгузории андоз;

- муайян намудани расмиёт ва усулҳои гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсия дар мақомоти андоз ва амалӣ намудани онҳо;

- дар доираи ваколатҳои худ таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ оид ба масъалаҳои бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ;

- иҷрои дигар вазифаҳое, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти андоз вогузор шудаанд.

**Вазъи ҳуқуқӣ ва сохтори мақомоти андоз**

1. Мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти андоз) аз мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти ҳудудии андоз иборат мебошад, ки дар маҷмӯъ низоми ягонаи мутамаркази мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамоянд.

2. Сохтор, нақшаи идоракунӣ ва номгӯи корхонаҳои (ташкилотҳои) системаи мақомоти андоз, тартиби фаъолият ва воҳидҳои сохтории он, инчунин муносибатҳои мутақобилаи мақомоти андоз бо дигар мақомот, ташкилотҳо, муассисаҳо ва шаҳрвандонро низомномаи мақомоти андоз муқаррар менамояд.

3. Мақомоти ҳудудии андоз ба мақомоти дахлдори болоии андоз ҳисоботдиҳанда ва тобеъ мебошад. Мақомоти ҳудудии андоз аз раёсати андози андозсупорандагони калон бо нозиротҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, раёсатҳои андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, нозироти андоз дар шаҳрҳо (ноҳияҳо), инчунин мақомоти минтақавии мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ иборат мебошад.

4. Маблағгузории фаъолияти мақомоти андоз аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ анҷом дода мешавад.

5. Мақомоти андоз шахси ҳуқуқӣ буда, дорои тавозуни мустақил, суратҳисобҳои махсус дар хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти он дар маҳалҳо, муҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи он ба забони давлатӣ мебошад.

6. Мақомоти андоз дорои рамз ва нишонаи сарисинагии идоравӣ мебошад, ки тавсифи онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Ҳуқуқҳои мақомоти андоз**

1. Мақомоти андоз мутобиқи Кодекси андоз ҳуқуқ дорад:

- дар раванди таҳия ва такмили қонунгузории андоз иштирок намояд;

- санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки аз Кодекси андоз бармеоянд, бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ намояд;

- назорати риоя гардидани муқаррароти қонунгузории андозро амалӣ намояд;

- ҳамкории байналмилалиро оид ба масъалаҳои андозбандӣ амалӣ намояд;

- барои азназаргузаронии маълумоти таъминоти барномавии баҳисобгирии автоматиконидашудаи муҳосибӣ ва андоз ба низоми иттилоотии дорои ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибии андозсупорандагон (агентҳои андоз) дастрасии электронӣ дошта бошад;

- мутобиқи муқаррароти Кодекси андоз ҳуҷҷатҳои андозсупоранда, аз ҷумла маълумоти дар ҳомили электронӣ мавҷударо, ки ба амалиётҳои андозбандӣ алоқаманд мебошанд, мусодира намояд;

- мутобиқи Кодекси андоз ҳаҷми уҳдадории андозиро (бо истифода аз усулҳои баҳодиҳии мустақим ва ғайримустақим, нархҳои бозорӣ ё иттилооти муоинаи хронометражӣ) ҳисоб намояд;

- ҳангоми гузаронидани санҷишҳои андозӣ санҷиши ҳуҷҷатҳои молиявӣ, китобҳои муҳосибӣ, ҳисоботҳо, сметаҳо, пули накд, коғазҳои қиматнок ва дигар сарватҳо, ҳисобҳо, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳоро анҷом диҳад, оид ба масъалаҳои дар рафти санҷиш бамиёномада аз шахсони мансабдор ва дигар кормандони ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ маълумот ва баёноти хаттӣ гирад;

- дар рафти санҷиши андозӣ муоина ва барӯйхатгирии (инвентаризатсияи) молу мулки андозсупорандаро (ба истиснои биноҳои истиқоматӣ) бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз гузаронад;

- дар рафти санҷиши андозӣ биноҳои истеҳсолӣ, савдо, анборҳо ва дигар биноҳои корхонаҳо ва шахсони воқеиро, ки барои гирифтани даромад ё барои нигоҳдории объектҳои андозбандӣ истифода мешаванд, аз назар гузаронад;

- ба роҳбарон ва дигар кормандони мансабдори ташкилотҳо, инчунин ба шахсони воқеӣ ҷиҳати бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ дастур диҳад ва иҷрои онро назорат намояд;

- оид ба боздоштани (бекор намудани) амали иҷозатномаҳо барои иҷрои намудҳои алоҳидаи фаъолият дархост намояд;

- барои ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ муҷозот ва ҷаримаҳои пешбининамудаи Кодекси андоз ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ намояд;

- мутобиқи муқаррароти Кодекси андоз, аз ҷумла тавассути пешниҳоди даъвоҳо ба суд, аз андозсупорандагон, шахсони мансабдори онҳо ва шахсони воқеӣ андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳои ҳисобшударо ситонад;

- дар ҳолати аз ҷониби андозсупорандагон риоя нагардидани талаботи қонунгузории андоз намудҳои ҷавобгарии дар қонунгузорӣ муқарраршударо татбиқ намояд;

- аз андозсупоранда (агенти андоз) пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи дурустии ҳисоб ва пардохти саривақтии андозҳо, ҳисоботи андозии тартибдодаи андозсупоранда (агенти андоз), ҳисоботи молиявӣ бо замима намудани хулосаи аудиторӣ дар ҳолате, ки агар тибқи санадҳои

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба чунин шахс гузаронидани аудити ҳатмӣ муқаррар шуда бошад, талаб намояд;

- бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истеҳсолоти иҷро ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои маҷбуран ситонидани андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳоро татбиқ намояд, маблағҳои қарзи андозро ситонад ва иҷрои онҳоро дар фаъолияти андозсупоранда ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ назорат намояд;

- барои гузаронидани назорати андозӣ машваратчиён, коршиносон, экспертон, шоҳидон ва тарҷумонҳоро ҷалб (даъват) намояд;

- андозсупорандагонро оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ дар муҳлатҳо ва ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андоз огоҳ намояд;

- аз мақомоти давлатӣ, муассисаву ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ маълумоти марбут ба амалиётҳои андозбандиро тибқи муқаррароти Кодекси андоз талаб намояд;

- дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро амалӣ намояд.

2. Мақомоти болоии андоз ҳуқуқ дорад қарорҳои мақомоти поёнии андозро дар ҳолати мувофиқ набудани онҳо ба қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор намояд.

**Уҳдадориҳои мақомоти андоз**

1. Мақомоти андоз уҳдадор аст:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мазкур, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, инчунин шаҳрвандонро риоя намояд;

- дуруст ҳисоб намудан, ба пуррагӣ ва дар мухлати муқарраршуда ба буҷет пардохт гардидани андозҳоро назорат намояд, қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра ва дақиқ риоя намояд;

- ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагонро риоя ва ҳимоя намояд;

- нашри санадҳои қонунгузории андоз дар сомонаи расмии мақоми ваколатдори давлатӣ ва дастрасии андозсупорандагонро ба ин иттилоот ва дигар масъалаҳои марбут ба андозбандӣ таъмин намояд;

- ба андозсупорандагон дар амалисозии қонунгузории андоз мусоидат намояд;

- бо мақсади муносиб гардонидани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ барои андозсупорандагон мунтазам намудҳои муосири хизматрасониҳои электрониро ҷорӣ намояд;

- бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» анҷом диҳад;

- баҳисобгирии пурра ва саривақтии андозсупорандагон, аз ҷумла супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ва объектҳои андозбандӣ, баҳисобгирии андозҳои ҳисобшуда (иловатан ҳисобшуда), пардохтшуда ва бақияпулиҳоро таъмин намояд;

- дар бораи ба буҷет ворид гардидани андозҳо ҳисобот тартиб диҳад;

- оид ба маблағҳои имтиёзҳои додашудаи андоз аз рӯи гурӯҳҳои андозсупорандагон, намудҳои андозҳо ва имтиёзҳо, инчунин минтақаҳо баҳисобгириро ба роҳ монад ва ҳисобот тартиб диҳад;

- ҷаримаҳо ва фоизҳои пешбининамудаи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ситонад;

- мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати андозро амалӣ намояд;

- қоидаҳо, тартиб, дастурҳои методӣ ва дастурамалҳоро тибқи муқаррароти Кодекси андоз таҳия намояд;

- тавассути воситаҳои ахбори омма оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ мунтазам корҳои таблиғотӣ гузаронад ва нашри варақаҳо, дастурҳо ва овезаҳоро анҷом диҳад;

- тибқи аризаи андозсупоранда дар давоми 5 рӯзи корӣ аз ҳисобномаи шахсии ӯ дар бораи ҳолати ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ иқтибос пешниҳод намояд;

- чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андози андозсупорандаро мутобиқи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намояд;

- нусхаи дуюми санади санҷиши андозӣ ва қарори дахлдори мақомоти андозро оид ба натиҷаи санҷиши андозӣ ба андозсупорандагон пешниҳод намояд;

- баҳисобгирии дастгоҳҳои назоратӣ–хазинавии дорои хотираи фискалиро пеш барад;

- бо тартиби муқарраршуда дархостҳо, аризаҳо, шикоятҳо ва пешниҳодҳоро оид ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти мақомоти андоз баррасӣ намояд;

- ҳар моҳ ба мақомоти молия маълумоти зарурироо оид ба маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозию ғайриандозӣ, бақияпулиҳои андозӣ, имтиёзҳои андозӣ, манбаъҳои андозбандӣ ва шумораи андозсупорандагон дар доираи шартномаи дуҷониба пешниҳод намояд;

- оид ба вайрон гардидани қонунгузории андоз маълумот ҷамъоварӣ намояд, таҳлил кунад, баҳо диҳад, ба мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба бартараф намудани сабабҳо ва шароите, ки боиси сар задани чунин ҳолатҳо мешаванд, тавсияҳо пешниҳод намояд;

- мувофиқи муқаррароти моддаи 117 Кодекси андоз маблағҳои аз андозҳои ҳисобшуда барзиёд супоридаи андозсупорандагонро ба ҳисоб гирад ва (ё) ба андозсупорандагон баргардонад;

- махфияти сирри фаъолияти андозсупорандаро таъмин намояд;

- оид ба амалисозии қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои тавзеҳотиро анҷом диҳад, бо тартиби муқаррargардида ба андозсупорандагон шаклҳои ҳисоботи андозро пешниҳод кунад ва тартиби пур кардани онҳоро фаҳмонад, тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳоро, аз ҷумла дар шакли хаттӣ, шарҳ диҳад;

- дар давоми мӯҳлати даъво нигоҳдории ҳисоботи андозӣ, ҳуҷҷатҳои пардохти андоз, санадҳои санҷиши андозӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро, ки ба андозсупорандаи мушаххас марбут мебошанд, таъмин намояд;

- парвандаҳои шахсии андозсупорандагонро нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ, ки мутобиқи Кодекси андоз уҳдадоранд эъломияи андозиро пешниҳод намоянд, тартиб диҳад;

- дар ҳолати ошкор гардидани аломатҳои ҷиноят дар фаъолияти андозсупоранда вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ дар давоми 10 рӯзи корӣ мутобиқи қисмҳои 2 ва 6 моддаи 170 Кодекси андоз ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ барои чораҷӯӣ мавод пешниҳод намояд;

- фаъолияти мақомоти поёнии ҳудудии андоз ва корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои тобеи дигарро назорат намояд.

2. Мақомоти андоз инчунин уҳдадориҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро менамоянд.

**Саволҳои санҷишӣ аз ҳуқуқи андоз.**

1. Андоз чист?
2. Қонунгузории соҳаи андоз аз кадом санадҳои меъёри ҳуқуқӣ иборат аст.
3. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти андозро номбар намоед.
4. Андозҳои маҳаллиро номбар кунед?
5. Шакли ҷамъи андозҳо аз молу мулки ғайри манқул кадом андозҳоро дар бар мегирад?
6. Меъёрҳои андозҳо аз молу мулки ғайри манқулро номбар намоед.
7. Тафовути адозҳои мустақим аз ғайримустақим дар чист?
8. Супорандагони андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ киҳо маҳсуб меёбанд?
9. Дар бораи андоз аз арзиши иловшуда маълумот диҳед.
10. Манбаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро чи ташкил медиҳанд?
11. Дар бораи андози фоида маълумот диҳед.
12. Дар бораи андозҳо аз молу мулки ғайри манқул маълумот диҳед.
13. Бино ва иншоот чист ва тартиби андозбандии он чи гуна сурат мегирад?
14. Кодекси андоз кай қабул гардидааст ва чанд боб ва моода иборат мебошад?
15. Кадом андозсупорандагон уҳдадоранд ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ аз мошинаи назоратӣ – хазинавӣ истифода баранд?
16. Ҳуқуқвайронкуниҳои андоз чист?